«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
_____________ Хайрзода Ш. Қ.
«_____» ___________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» оид ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-сабзавотпарварӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсияи илмии Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» ба шиносномаи ихтисоси 06.01.09 – сабзавоткорӣ бо бандҳои 5, 8 ва 10 мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот:** Сабзавоткорӣ соҳаи муҳим буда, дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми арзанда дорад. Парвариши зироатҳои сабзавотӣ дар минтақаҳои водигӣ, хусусан дар водии Вахш бештар ба роҳ монда мешаванд.

Водии Вахши вилояти Хатлон иқлими ба худ хос дошта, бо зимистони кӯтоҳу тобистони гарму хушк аз дигар минтақаҳои агроиқлимӣ фарқ менамояд. Ин минтақа аз гармӣ таъмин буда, ҳарорати ҳавои мусбати он (+10°C) ба 250-300 рӯз баробар мебошад. Арзу тӯли фарох ва шароити хоку иқлими водии Вахш хусусиятҳои хоси худро дошта, барои парвариши зироатҳои гармидӯсти кишоварзӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳамчунин, ҳарорати нисбатан гарми ин минтақа боиси паҳншавии зироатҳои гуногун, аз он ҷумла зироатҳои ғалладонагию лӯбиёдонагӣ, зироатҳои техникию равғандиҳанда, ҳамчунин, сабзавоту дарахтони мевадиҳанда гардидаанд.

Хокҳои ин мавзеъ ба гурӯҳи хокҳои хокистарранги равшан мансуб буда, миқдори гумуснокиашон дар ҳудуди то 1-1,1%-ро ташкил менамоянд ва ҳосилхезии ин гуна хокҳо дар сатҳи нисбатан паст қарор доранд. Дар ин вобастагӣ, омӯзиш ва таҳияи технологияи мувофиқи парвариши зироатҳо бо истифодаи нуриҳои минералӣ дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошад.

**Дараҷаи коркарди илмии проблема мавриди омӯзиш:** Қайд кардан ба маврид аст, ки дар гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодоте, ки дар диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии

истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» оварда шудаанд дар асоснок намудани истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши зироатҳои сабзаотӣ нақши муҳим бозида, масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:** Навгонии илмии кори мазкур дар асоснок намудани таъсири нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ ба реҷаи сатҳи онҳо дар хок, нашъунамои навъҳои пиёзи зудпази бехӣ ба монанди «Пешпазак», «Алдоба», «Тунис», ҳамчунин, ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳоро дар шароити водии Вахш асоснок намудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмиву амалии таҳқиқот:** Аҳаммияти назариявӣ, илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия нуктаҳои муҳимро дар бар гирифта, дар асоси гузаронидани таҳқиқот дар шароити заминҳои хокашон хокистарранги равшани водии Вахши вилояти Хатлон оид ба парвариши бехпиёз бо истифодаи нуриҳои минералӣ ҳосили баланду хушсифати навъҳои «Пешпазак», «Алдоба» ва «Тунис»-ро ба даст овардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми истифодаи нуриҳои минералӣ нишон дод, ки ҳосилнокии бехпиёзро аз ҳар як гектар 55-60 сентнер дар амал татбиқ карда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метвонанд хоҷагидорон, унвонҷӯёну магистрантон истифода намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот ҳамчун қисми асосии раванди илмӣ, нақши муҳим ва боэътимод дорад. Иштироки бевосита дар ҷамъоварӣ ва коркарди маводи воқеӣ ва маълумоти зарурӣ саҳми муаллиф бештар аст, ки барои таъмини дақиқии натиҷаҳо анҷом додааст.

Дар маҷмӯъ, саҳми шахсии муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба эътимоднокии натиҷаҳо, амиқии таҳқиқот ва арзиши илмии он таъсири амиқ расонидааст, ки он метавонад ҳамчун намунаи хуби кор ва масъулиятшиносӣ дар таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳо:** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 16 интишороти илмии муаллиф инъикос ёфта, аз он ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда нашр шудаанд.

Интишороти мазкур, на танҳо нишондиҳандаи самаранокии таҳқиқот, балки эътимоднокии натиҷаҳои ба даст овардашударо дар соҳаи илмӣ ва амалии марбут ба мавзуи диссертатсия ифода менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия:** Матни диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо ба истеҳсолот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Он дар ҳаҷми 146 саҳифаи чопи компютерӣ бо риояи талаботи умумӣ тартиб дода шуда, натиҷаи таҳқиқот дар 28 ҷадвал, 8 диаграмма, 3 расм рӯйхати адабиёт дар 157 номгӯй баён гардидааст.

Дар муқаддима маълумот оид ба муҳиммияти мавзуи диссертатсия, сатҳи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навгониҳо ва дигар зерҷузъҳо муфассал баён шудаанд. Омӯзиши таъсири истифодаи нуриҳои минералӣ ва илман асоснок намудани истифодаи меъёри онҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати маҳсулоти навъҳои бехпиёз дар шароити водии Вахши вилояти Хатлон бори нахуст аз тарафи муаллиф гузаронида шудааст, ки моҳияти илмиву амалӣ доранд.

**Боби 1 «Шарҳи адабиёт»**-ро дар бар мегирад, ба 3 зербоб ҷудо карда шуда, оид ба пайдоиш ва хусусиятҳои биологии бехпиёз, таъсири омилҳо ба технологияи парвариш, ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз ва аҳаммияти истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши пиёзи бехӣ хулосаи сарчашмаҳои илмиро ҷойгир намудааст. Ҳамчунин, натиҷаи баъзе таҳқиқиқоти илмии олимони мамолики гуногунро дар бораи бехпиёз ва парвариши онро дар бар мегирад. Ин боб дар ҳаҷми 29 саҳифа навишта шуда, ҳамчун асоси заминавӣ барои иҷрои таҷрибаҳои амалӣ оид ба парвариши бехпиёз ба таҷрибаҳои амалии муаллиф алоқаманд мебошад.

**Боби 2**-юми диссертатсия дар бораи «**Мавод ва методҳои таҳқиқот** мебошад. Боби дуюм аз панҷ зербоб иборат буда, зербоби якум оид ба шароити ҷуғрофӣ ва иқлимӣ, зербоби дуюм оид ба хусусиятҳои агрохимиявии хоки ноҳияи Ҷайҳун, зербоби сеюм дар бораи усулҳои гузаронидани тадқиқоти илмӣ, зербоби чорум дар бораи агротехникаи парвариши навъҳои пиёзи тезпази бехӣ ва зербоби панҷум дар бораи объекти таҳқиқот маълумот дода шудааст. Дар қисмати усулҳои амалигардонии таҳқиқот интихоби навъҳои зироати пиёз ва нақшаи таҷрибаҳои илмӣ бо вариантҳои таҳқиқот ҷойгир шудаанд.

Ба сифати объекти таҳқиқот навъҳои «Пешпазак», «Алдоба» ва «Тунис» истифода шудаанд.

Дар боби 2-юми диссертатсия 6 ҷадвал, 1 диаграмма ва 3 расм ҷойгир карда шудаанд, ки дар онҳо оид ба нишондодҳои ҳарорату боришот, тавсифи агрохимиявии хоки қитъаи таҷрибавӣ ва нақшаи агротехникии парвариши навъҳои гуногуни пиёзи зудпази бехӣ маълумоти зарурӣ ҷойгир карда шудаанд.

**Боби 3**-юм дар бораи **«Натиҷаҳои таҳқиқот»** мебошад. Он ба 11 зербоб ҷудо карда шуда, оид ба таъсири нуриҳои минералӣ, тағйирёбии реҷаи ғизоии нитрогенӣ дар хок вобаста ба истифодаи нуриҳо, тағйирёбии реҷаи моддаҳои ғизоии фосфорию калийдор дар хок вобаста ба истифодаи нуриҳо, нашъунамои навъҳои зироати пиёз вобаста ба истифодаи нуриҳои минералӣ, нишондодҳои фенологӣ ва биометрии пиёзи бехии навъҳои тезпаз, таъсири нуриҳои минералӣ, барориши моддаҳои ғизоӣ ба ҳосили биологӣ, ҳосилнокии навъҳо, таркиби биохимиявии бехпиёз вобаста аз меъёри истифодаи нуриҳои маъданӣ, таъсири меъёрҳои нуриҳои минералӣ ва сифати молии ҳосили навъҳои пиёзи бехӣ вобаста ба истифодаи нуриҳои минералӣ маълумоти муҳим дарҷ гардидаанд.

Дар ин қисмат оид ба давраҳои нашъунамои навъҳои пиёз вобаста ба истифодаи нуриҳои минералӣ ва дигар маълумоти зарурӣ ҷойгир карда шудаанд.

**Боби 5-ум** дар бораи **«Самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳои минералӣ дар парвариши ҳосили пиёзи бехӣ»** мебошад. Муаллиф нишон додааст, ки дар байни вариантҳои омӯзишӣ, самаранокии аз ҳама баланди иқтисодии парвариши бехпиёз дар вақти истифодаи $N_{240}$ $P_{90}$ $K_{60}$ ба даст оварда шудааст. Дар ин ҳолат даромаднокии истеҳсолии варианти $N_{240}$ $P_{90}$ $K_{60}$ дарнавъи “Пешпазак” ба 204,8%, “Алдоба” ба 178,3% ва “Тунис” ба 170,1% баробар шудааст.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ дар шароити водии Вахши вилояти Хатлон муайян карда шудааст, ки ба хок ворид намудани 240 кг/га нитроген, 90 кг/га фосфор, ва 60 кг/га калий ҳосилнокии навъҳои “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис” ба 45-56 с/га тавсия намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссппяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷиксстон:** Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба таври зерин арзёбӣ намуд:

1) Мавзуи диссертатсия ба масъалаҳои муҳимми стратегӣ “Таъмини амнияти озуқаворӣ” равона шудааст.

2) Дар диссертатсия натиҷаҳои амиқ ва воқеӣ пешниҳод карда шудааст, ки шомили таҳлили дақиқи маълумот ва хулосабарории асосноканд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия:** Бо вуҷуди моҳияти илмиву амалӣ ва навгониву таҳқиқоти муҳим дар диссертатсия якчанд камбудиву норасогиҳо ба назар мерасанд, ки инҳоянд:

1. Дар саҳифаи 24, ҳошияи охир, саҳифаи 25 ҳошияи охир ва саҳифаҳои 29, 40, 42 ахбори номуайян оварда шудааст.
2. Дар саҳифаи 46 диаграммаи 2.1. хатогии техникӣ дорад.
3. Дар саҳифаи 61, ҳошияи 1 адабиёт бо матн алоқаманд карда нашудааст.
4. Дар таҷрибаҳо нуриҳои минералӣ истифода шудаанд, лекин номгӯй ва намуди онҳо оварда нашудаанд. Дар кадом асос меъёри NPK интихоб шудаанд, оварда нашудааст.
5. Дар матн «бехпиёз» ва «пиёзи бехӣ» истифода шудаанд, ки бояд як мафҳуми ягона «бехпиёз» истифода мешуд.
6. Дар ҷадвали 3.11.2. ҳосилнокӣ ва таркиби химиявии пиёзи навъи “Пешпазак” дар водиҳои Вахш ва Ҳисор оварда шудааст, лекин дар матн шарҳ дода нашудааст.
7. Дар зербоби 4.2. самаранокии амалии парвариши пиёз оварда шудааст, ки истифодаи чунин мафҳуми иқтисодӣ ба мақсад мувофиқ нест.
8. Тавсияҳо оид ба истифодабарӣ хусусияти истеҳсолӣ надоранд, намуди нуриҳо ва меъёри истифодаи онҳо бо туки шартӣ бояд оварда шавад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**: Натиҷаи ниҳоии таҳлили диссертатсия ба он водор менамояд, ки мавзуи интихобгардида ва мақсаду вазифаҳои гузошташуда моҳияти илмию амалӣ ва иқтисодиро доранд.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба он мувофиқат намуда, ороишоти он мувофиқи талабот иҷро гардидааст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи «Самаранокии истифодабарии нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ аст. Камбудию норасогиҳои баёншуда моҳияти илмию амалии кори анҷомдодашударо коста намегардонанд. Аз ин рӯ, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09-сабзавоткорӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, дотсент Музафарзода Даврон Маҳмадшариф омода шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи Шурои олимони факултети аграрӣ ва амнияти озуқаворӣи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 4 аз 27. 11.2025.)

Дар ҷаласаи Шурои олимон иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 17 нафар, зид – 0 нест, бетараф – 0 нест.

Раиси ҷаласаи Шурои олимони факултети
аграрӣ ва амнияти озуқаворӣи
Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Ҳафизов А.А.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент,
муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими
Донишгоҳи давлатии Данғара Музафарзода Д.М.

Котиби илмии ҷаласаи Шурои олимони факултет
номзади илмҳои кишоварзӣ, муаллими калони
кафедраи агротехнология Сафарализода С.С.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. E-mail: muzafarov.davron@mail.ru,
Тел.: (+992) 907-77-76-02; (+992) 918-28-54-94.
28-уми ноябри соли 2025

Имзои Ҳафизов А.А., Музафарзода Д.М.
ва Сафарализода С.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА